# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ - Яқубов Ю. ба диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин дар мавзуи “Расму анъана ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси: 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология**

Бо сабаби кӯҳсор будан ва дар замони қадим ҷой доштани маҳдудиятҳои рафту омад дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон вижагиҳои урфиятӣ ва забонӣ дида мешаванд, ки омӯзиши онҳо барои таърихи халқамон хеле муҳим аст. Дар гузаштаи начандон дур ба омӯзиши урфу одати мардумони мо олимони ғайри тоҷик машғул буданд. Гарчанде бисёре аз онҳо донандаи хуби забони тоҷикӣ буданд, аммо нозукиҳои урфу одати моро баъзан ба дараҷаи дилхоҳ дарк накардаанд. Имрӯз, ки мо соҳибистиқлол шудаем, зарур аст, ки ҳамаи минтақаҳои кишвари худро бо хусусиятҳои хоси он ом□хта, илми тоҷикро рушду тараққӣ диҳем. Хуб мебуд, ки паж□ҳишгар ба монанди Ф. Салимзода аз ҳамон ноҳияе, ки зери таҳқиқ қарор меёбад, бошад, зеро ҳар кас вижагиҳои ноҳияи худро нисбат аз нафаре, ки аз берун ба маҳал ворид мешавад, хубтар медонад.

Бешубҳа, минтақаи Кӯлоб яке аз мавзеъҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ аст ва имрӯз бостоншиносон дар Кӯлдараи Ховалинг бошишгоҳи одамони асри санги қадимтаринро пайдо кардаанд, ки беш аз як миллиону сесад ҳазор сол таърих дорад, яъне ин бахши минтақаи Тоҷикистон - Кӯлоб таҳаввулоти аз одаммаймун - ҳомо Эректус ба одами имрӯза ҳомо Сапиенс табдил ёфтанро аз сар гузарондааст. Данғара низ аз ин таҳаввулот дар канор набуд ва яке аз мавзеъҳои қадимтарини мулки тоҷик ба шумор меравад. Асри санги Данғара нисбат ба дигар ноҳияҳои Тоҷикистон хубтар омӯхта шуда, таърихи беш аз 200 ҳазор сола дорад.

Азбаски Данғара мулки заминдор асту чарогоҳҳои зиёд дорад, таваҷҷуҳи чорводоронро аз асри санг (аз замони пайдо шудани чорводорӣ, давраи мезолит), яъне 10-12 ҳазор сол пеш ба худ ҷалб намуда, то имрӯз идома дорад. Таҳқиқот дар ин бахш нишон медиҳад, ки ҳудуди Данғара ҳеҷ гоҳ бе одам набуда, яке аз ободтарин мавзеъҳои таърихии сукунати халқи тоҷик аст. Дар Данғара замони Ҳахоманишён, Юнону Бохтар ва Кушониён даҳҳо шаҳракҳои обод бо биноҳои бунёдӣ мавҷуд буданд. Осори шаҳракҳои қадим дар Булёни Боло, Булёни Поён, Бағшӣ (Ёқсу) Корезо (Золи Зард), Пушинг, Чолтов (Чортоб), СангтӮда, Кангурт пайдо шудаанд ва ҳафриётро интизоранд. Дар топоними Данғара номҳои авестоӣ: кӯҳи Тирак, Сарак, Калкот, Мундок, Катта, Ғуҷобак, Паракана (Паркамчӣ) ва даҳҳо осори маъбадҳои ойини зардуштӣ ба қайд гирифта шудаанд. Пули Сангин, Паракана ва Бубасен дар сарчашмаҳои юнонӣ ёд мешаванд. Дар Паракана ду ҳамяроқи Спитамен: Катан ва Овсиён ба муқобили Искандари Мақдунӣ шӯриш бардошта буданд.

Имрӯз калонтарин бошишгоҳи кишоварзони асри биринҷиро дар деҳаи Кангуртути ноҳияи Данғара пайдо кардаанд, ки ба мардуми ориёитабор нисбат доранд. Дар ҳудуди ноҳия бостоншиносон беш аз 300 ёдгориҳои гуногунро ба қайд гирифтаанд.

Дар асрҳои миёна ҳудуди ноҳия бо сарварии мавлоно Тоҷиддин яке аз марказҳои равияи нақшбандия дар Хатлон буд.

Бинобар ин, дар замони муосир зарурати омӯзиши комплексии ноҳия бо иштироки мутахассисони гуногун, аз ҷумла бостоншиносон, табиатшиносон, зистшиносон (зоологҳо), мардумшиносон ва ғайра ба миён омадааст, ки рисолаи пешниҳод шуда оғози кор дар ин бахш мебошад.

Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва расмҳо дар замима иборат аст. Дар рафти кор диссертант аз манбаъҳои гуногуни хаттӣ, бостоншиносӣ, топонимӣ,

мардумшиносӣ, фолклоршиносӣ, бойгониҳо ва мушоҳидаи сафарномаҳои асри X1X олимони рус, ки хислати мардумшиносӣ доранд, истифода бурдааст.

Муаллиф бо назардошти мақсадҳои гузоштааш чунин масъалаҳоро таҳқиқ кардааст:

- Омӯзиши таърих, ҷуғрофия ва рӯзгори кунунии сокинони ноҳияи Данғара;
- таҳқиқи хусусиятҳои иҷтимой-фарҳангӣ, ҳамчун заминаи бавуҷудой ва ташаккули анъанаҳои мардумӣ;
- пажӯҳиши хусусиятҳои баргузории иду маросим, бозиҳои мардумӣ ва умуман ҳаёти иҷтимоии мардуми ноҳияи Данғара.

Барои таҳқиқи рисолаи мазкур диссертант аз адабиёти илмии ба мавзӯъ бахшидашуда, ҳисоботҳои оморӣ, мушоҳидаҳо ва суҳбати рӯ ба рӯ истифода бурдааст. Бояд зикр кард, ки муҳимтарин маводи рисола ин сафарҳои муаллиф ба деҳаҳо ва суҳбати ӯ ба мардумони ноҳия дар бораи урфу одат ва ҷашнҳо мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешаванд, ки дар рисолаи мазкур ҳаёти иҷтимоӣ ва мадании мардуми ноҳияи Данғара ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор ёфта, чигунагии нақши расму анъанаҳо, ҷашнҳо ва бозиҳои мардумӣ муайян карда шудааст.

Яке аз арзишҳои муҳими рисола ин ҷамъоварии мавод аз ҷониби муаллиф мебошад. Ӯ зиёда аз 50 суҳбатҳо бо куҳансолони деҳаҳои гуногуни Данғара марбут ба мавзӯи рисола дошта, расми онҳоро дар замима овардааст. Доир ба ҷашну анъанаҳо, дастархони наврӯзӣ ва бозиҳои мардумӣ расмҳои ранга пешниҳод мешаванд, ки арзиши рисоларо меафзоянд.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқараргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии мазкур анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Афтореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода намуда, ба матни рисола мувофиқат мекунад. Хулосаҳои таҳқиқоти анҷомшуда дар мақолаҳои илмии унвонҷӯй, ки бештарашон

дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда чоп гардидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Бояд арз кунам, ки Ф. Салимзода дар навиштани рисолаи илмӣ худро ҳамчун олими ташакулёфта, мардумшинос нишон додааст. Ӯ дар мавзӯи мардумшиносии Данғара ду асари калонҳаҷм, яке бо номи "Водии Данғара", Душанбе, 2021, дар ҳаҷми 431 саҳ. Ва китоби 2-юум "Шуғлхо ва ҳунарҳои мардуми водии Данғара" Душанбе, 2022, дар ҳаҷми 383 саҳ. чоп намудааст. Рисолаҳои чопшуда кори мукаммали илмӣ буда, Ф. Салимзода метавонист, онҳоро ба ҷои диссертатсия пешниҳод намояд, аммо ӯ махсус рисолаи номзадӣ навишта пешниҳод кардааст, ки кори мукаммали илмӣ таҳқиқотӣ буда, ҷавобгӯй ба талаботи КОА-и Тоҷикистон ва сазовари дараҷаи номзади илмҳои таърих ихтисоси 07.00.07 мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих, академик,**
**сарходими илмии шуъбаи археологияи**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ** **Якубов Ю.**

Имзои Якубов Ю.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК Файзуллоева Г.

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ ба номи А. Дониши АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

25.10.2024